**ХУЛОСАИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-064**
**НАЗДИ ИНСТИТУТИ ЗИРОАТКОРИИ**
**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ**
**ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ**

Парвандаи аттестатсионии № 6
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 30.05.2024, протоколи № 20

Барои сазовор донистани унвони илмӣ ба Акрамов Абдуҳалим Холович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.

Диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи “Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт” аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ санаи 16.03.2024, протоколи №16 аз тарафи Шурои диссертатсионии **6D.КОА-064** назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [735022, ш. Ҳисор, шаҳраки Шарора, кӯчаи Дӯстӣ], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №237, аз 27.10.2022 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Акрамов Абдуҳалим Холович, 31-уми июли соли 1988 дар ноҳияи Варзоб таваллуд шудааст. Соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи факултети боғдорӣ ва биотехнологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2011 бо ихтисоси олим-агроном хатм намудааст. Дар давоми солҳои 2011-2014 ассистенти кафедраи физиологияи растанӣ ва биотехнологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва солҳои 2014-2017 ассистенти кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии ҳамин донишгоҳ фаъолият намудааст. Унвонҷӯ аз моҳи марти соли 2018 то инҷониб вазифаи мудири шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ иҷро намуда истодааст. Соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавотпарварии АИКТ фаъолияташро идома дода онро соли 2021 хатм намудааст.

Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи селексия ва тухмипарварии картошкаи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич** – доктори илмҳои кишоварзӣ, сарходими илмии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Партоев Қурбоналӣ-** доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Ҳайдаров Зикриёхон Ёқубович-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Муассисаи пешбар-** Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбекови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи Холдоров 1) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, Ҷаҳонгиров Ҷаҳонгир Отамбекович, мудири пойгоҳи тадқиқотии ноҳияи Ишкошими Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ, номзади илмҳои кишоварзӣ омода шудааст, дар ҷаласаи Шурои илмии Институти биологии Помир ба номи академик Х.Ю. Юсуфбекови АМИТ, протоколи №3 аз 23 апрели соли 2024 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси Шурои илмӣ номзади илмҳои биологӣ Сафаралихонов А. ва котиби Шурои илмӣ, номзади илмҳои биологӣ Хуҷаназарова Г, имзо гардида, аз ҷониби директори Институт, номзади илмҳои биологӣ Хуҷамзода Г.Х. тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки кори диссертатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович дорои ҷамбаҳои баланд ва арзишноки назариявӣ ва амалӣ буда, аз рӯйи муҳимият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, саҳеҳият ва асоснокунии хулосаҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Унвонҷӯ Акрамов Абдуҳалим Холович оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии эътирофнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**А) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои тасдиқгардидаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М]. Акрамов А.Х.** Санҷиши экологияи навъҳои селексионии картошка дар шароити баландкӯҳи Тоҷикистони Марказӣ / А.А. Мирзоев, А.Х. Акрамов, Ҳ.Н. Назиров // Гузоришҳои АИКТ- 2019- №4 (62)- С.20-24

**[2-М]. Акрамов А.Х.** Хусусиятҳои агроэкологии навъу намунаҳои коллексионии картошка дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Кишоварз, 2021- №2 (91) –С. 27-30.

**[3-М]. Акрамов А.Х.** Урожайность коллекционных сортов картофеля в горных зонах Раштской долины / А.Х.Акрамов, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2021-№2 (211). –С.65.

**[4-М]. Акрамов А.Х.** Отличителные особенности технологии повторного посева картофеля и его урожайность в условиях Гиссарской долинны Республики Таджикистан / А.Х. Акрамов, А.А. Мирзоев, Ҳ.Н.Назиров // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2022, №4 (219). -С. 52-56

**[5-М]. Акрамов А.Х.** Изучение агроэкологических особенностей интродукционных сортов картофеля в условиях Раштской зоны Таджикистана // А.Х.Акрамов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон- 2023№2 (221).-С.60-63

**[6-М]. Акрамов А.Х.** Разработка эффективной системы защиты картофеля против колорадского жука в республике таджикистан / Дж. А. Толихов, А. Х. Акрамов, М.Х. Султанова, З. М. Курбонов// Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 2023- №2 (221). –С.64-71

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо чоп шудаанд:**

**[7-М]. Акрамов А.Х.** Агротехникаи парвариши картошкаи барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор // А.Х.Акрамов, Ф.Ҳакимова, Ҷ.Д.Фозилов// Маводи конф. илмии ҷумҳуриявии олимони ҷавон “самти афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва солҳои 2019-2021 “солҳои рушди деҳот, саёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ” – 2019. –С.79-85

**[8-М]. Акрамов А.Х.** Интихоб ва тайёр кардани замин барои кишти картошка / Ш.Шарипов, А.Х. Акрамов, // Маводи конф. илмии ҷумҳурияви олимони ҷавон “Самти афзалиятноки рушди илми

кишоварзӣ” бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ва солҳои 2019-2021 “солҳои рушди деҳот, саёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ”. – 2019. –С.63-64

**[9-М]. Акрамов А.Х.** Нишонаи пайдоиши касалиҳои замбӯруғии картошка дар майдони кишт ва чораҳои мубориза бар зидди онҳо //А.Х. Акрамов, Ҷ.А. Толиҳов, Р.Бобокалонов // Маводи конф. илмии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028 - 2020. –С. 55-59

**[10-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои муайян намудани зичии ҷойгиршавии ниҳолҳои картошка ва ҳосилнокии он дар майдони кишт. /А.Х. Акрамов, Ф.Ҳакимова, М.Давлатов, Р.Бобокалонов// Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ”-2020. –С.12-15

**[11-М]. Акрамов А.Х.** Технологияи кишти такрории картошка ва хусусиятҳои фарққунандаи он дар шароити водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /А.Х.Акрамов, Ҷ.Д.Фозилов, А.А.Мирзоев, Р.Бобокалонов // Маводҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ “Нақши тухмипарварӣ дар рушди соҳаи картошкапарварӣ”-2020. –С.16-21

**[12-М]. Акрамов А.Х.** Усулҳои аз тухмакҳои ботаникӣ парвариш намудани картошка /А.Х.Акрамов, Ҷ.С.Саидова, А.А. Мирзоев, Б. Саидмухторова// Маводи конф. илмию амалии ҷумҳур. “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, Бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - 2021. -С. 47-50

**[13-М]. Акрамов А.Х.** Самаранокии кишти тирамоҳии картошка дар ноҳияҳои водигии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // А.Х. Акрамов, Ҷ.Д., Фозилов, Б.Саидмухторова // Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявии “Саҳми олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технологияи кишоварзӣ”, Бахшида ба 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” - 2021. С- 57-60

**[14-М]. Акрамов А.Х.** Сабзиш ва ҳосилнокии навъҳои интродуксионии картошка ва таъсири иқлим ба маҳсулнокии онҳо дар шароити кӯҳии водии Рашт / А.Х.Акрамов // Маводи конференсияи илмию назарявии байналмилалӣ дар мавзуи “Истифодабарии усулҳои инноватсионӣ дар

баланд бардоштани ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда, ангур ва зироатҳои сабзавотию картошка”- 2022, -С.164-167.

**[15-М]. Акрамов А.Х.** Омӯзиши хусусиятҳои агроэкологӣ ва ҳосилнокии навъу намунаҳои колексионии картошка дар кишти барвақтӣ дар шароити водии Ҳисор /А.Х.Акрамов, М. Давлатов, Нурҷаҳони Р// Маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ. “Саҳми олимони ҷавон дар самтҳои афзалиятноки рушди илми кишоварзӣ” бахшида ба солҳои 2020-2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рӯшди фаннҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” ва даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”. - 2023. –С.74-76

**Ба автореферати диссертатсия такризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Ахмедов Турсунбой Абдуллоевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи меваю сабзавот ва токпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон бо номи Ш. Шоҳтемур, акдемики АИКТ.Дар такриз чунин камбудиҳо нишон дода шудааст:

1. Вазни миёнаи лунда нишон дода нашудааст, ки аз он ҳосилнокии зироат вобаста мебошад;
2. Таҳлили крахмалнокии лӯндаи намунаҳои картошка зарур ба ҳисоб меравад;
3. Дар кадом асос навъи вектар, ки 103 рӯз нашъунамо дорад ба истеҳсолот тавсия дода шудааст.

2. **Балакай Георгий Трифонович** – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, Главный научный сотрудник отдела СХМ ФГБНУ «Российский НИИ проблем мелиорации» Отзыв положительный, но по тексту автореферата имеется одно пожелание:

В разделе «Программа и методы исследований» желательно было привести норму высадки клубней и способ посадки картофеля, а также густоту стояния стеблей картофеля, например, в фазу цветения.

3. **Каримов М.К.** –доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи растанӣ, биотехнология ва пиллапарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (Тақриз мусбӣ мебошад).

4. **Кибальник Оксана Павловна** – кандидат биологических наук, главный научный сотрудник отдела сорговых культур, Федеральное государственное бюджетное научное учреждение «Российский научно-исследовательский и проектно-технологический институт сорго и кукурузы» Отзыв положительный, но имеется замечание:

- в таблице 3, диаграмме 1 желательно было указать статическую обработку средних (за 2019-2022г.) показателей признаков;

- в тексте автореферата (стр.17-18) при описании значений коэффициентов корреляции очевидно допущена отпечатка.

**5. Мусоев С.** – номзади илмҳои биологӣ, директори Маркази илмии кишоварзии Помири Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

**6. Мухамедов А.Х.** – номзади илмҳои биологӣ, мудири шуъбаи биотехнология ва биоэкологияи Маркази илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд (Тақриз мусбӣ мебошад).

**7. Рашидова Дилбар Каримовна** – доктор сельскохозяйственных наук, профессор, ведущий сотрудник Научно-исследовательского института селекции, семеноводства и агротехнологии выращивания хлопка и Якубов Музаффар Матякубович – старший научный сотрудник Научно-исследовательского института селекции, семеноводства и агротехнологии выращивания хлопка, доктор философии по сельскохозяйственным наукам (Отзыв положительный).

**8. Салимзода А.Ф.** – доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, аъзои вобаста, президенти академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

**9. Сайдалиев Н.Ҳ.**-номзади илмҳои кишоварзӣ, ҷонишини декан оид ба шакли таҳсилоти фосилавии факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ мебошад).

**10. Толибов А.Қ.**-номзади илмҳои кишоварзӣ, директори Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ ва Толиҳов Ҷ.А.- номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи ҳимояи набототи Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ (Тақриз мусбӣ мебошад).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, қисмати асосии эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд, онҳо муҳимии мавзӯи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи номзадӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он Акрамов Абдуҳалим Холович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои онҳо оид ба

омӯзиши хусусиятҳои агробиологии коллексияи навъу намунаҳои картошка, хусусан дар самти селексия ва тухмипарварӣ, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ – таҳқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои кишоварзӣ: омӯзиш ва мутобиқгардонии навъҳои нави картошка ва шаклҳои ёбоии он дар шароити кӯҳӣ барои истифодабарӣ дар корҳои селексионӣ, ғани гардонидани фонди навъу хелҳои гуногуни картошка дар ҷумҳурӣ, афзун гардонидани истеҳсоли тухмӣ ва роҳҳои ҳифзу нигоҳ доштани захираҳои генетикии навъҳои картошка мебошад дар соҳаи дахлдори таҳқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд** хусусиятҳои ботаникию биологии навъҳои нави картошка (тобоварӣ ба шароити табиӣ, ҳарорати ҳаво ва таркиби хок ), мутобиқгардонии онҳо дар минтақа барои корҳои селексионӣ моҳияти мӯҳим доранд.

**- пешниҳод шудааст,** ки навъҳои нави картошкаи Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устувори ба омилҳои табиӣ бартари дошта, ҳамчун навъҳои ояндадор барои парвариш дар минтақаҳои кӯҳӣ, наздикӯҳӣ инчунин, барои руёнидани ҳосили барвақтии картошка дар минтақаҳои водигии ҷумҳурӣ истифода бурда шаванд.

**-исбот шудааст,** ки навъҳои картошкаи Янка, Вектар, Скарб ва Бриз дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт маҳсулнокии хуб нишон доданд ва истифодаи онҳо самаранок мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо ин асоснок карда шудааст,** дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ва ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка, инчунин баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи умумиии биологии навъҳо муайян карда шуда, арзиши истеҳсолии онҳо бобати истифода намудан дар раванди корҳои селексионӣ илман исбот шудааст:

**- омӯхта шуд -** бори аввал дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашти Шимолу Шарқии Тоҷикистон дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ

омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он чараёни мутобикшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт омӯхта шудааст.

**- муайян карда шуд,** ки дар шароити водии Рашт навъҳои нави картошка ҳамчун навъҳои ояндадор ва маводи аввалияи селексионӣ инчунин ғани гардонидани фонди навъҳои картошка дар ҷумҳурӣ мебошад.

**- баён шудани омӯзиши** агроэкологӣ, интихоб ва чудо намудани навъҳои беҳтарини картошка, барои истифодабари дар истеҳсолот ва корҳои селексионӣ, ғани гардонидани навъҳои картошка дар ҷумҳурӣ, васеъ гардонидани майдони кишти картошка аз ҳисоби навъҳои нав.

**- ошкор гардидани** хусусиятҳои маҳсулнокӣ, ҳосилнокӣ ва самараи баланди иқтисодии навъҳои нави картошка дар асоси натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти илмӣ метавон истифода бурд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад, ки** натиҷаҳои корҳоит илмӣ ва санҷиши истеҳсолии таҷрибаҳои саҳроӣ оид ба ҳосилнокии навъҳои нави картошка дар Пойгоҳи таҷрибавии “Лахш”, хоҷагии деҳқонии “Бустон”, “Гулистон”-и ҷамоати деҳоти “Муксу” ва “Сурхоб”-и ҷамоати деҳоти “Сурхоб”-и ноҳияи Лахш дар майдони 20 га татбиқ карда шудааст.

**- офарида шуд** – низоми амалии тавсияҳои технологияи парвариши картошка ва баланд бардоштани ҳосилнокии он аз ҳисоби навъҳои нав дар шароити кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ натиҷаҳои таҳқиқот дастрас карда шуд**: натиҷаи ташкили дурусти гузаронидани таҷрибаҳо бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони соҳа мувофиқат мекунад ва саҳеҳияти таҳқиқот ошкор намуд, ки дар рафти кор усулҳои парвариши картошка дар шароити минтақаи кӯҳии водии Рашт ҳосили баландро таъмин менамояд ;.

**- назария:** дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар соҳаи картошкапарварӣ, масъалаҳои таъсири омилҳои агроэкологии минтақаи куҳӣ ва минтақабобкунии навъҳои нави картошка то кунун пурра омӯхта нашудаанд. Аз ин рӯ , таҳқиқотҳои илмӣ доир ба мутобиққунии навъҳои нави картошка, ки иқтидори баланди маҳсулнокӣ доранд, дар шароити мавзеъи Лахши водии Рашт равона гардидааст, ки ин метавонанд ҳосили баланду босифати картшкаро таъмин намояд;

- **ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба селексия ва тухмипарварии картошка;

- **истифода шуданд:** муқоисаи натиҷаҳои муаллифӣ ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзуи диссертатсия;

- **муайян шуданд:** микдоран ва сифатан мувофиқаткардани натиҷаҳои муаллифӣ бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавузи мазкур оварда шуданд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

- **истифода карда шудаанд -** Натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ тибқи методикаи гузаронидани таҷрибаҳои сахроии Б.А. Доспехов [1985] ва таҳқиқотҳои озмоишӣ, истифода бурдани усулҳои таҳлили омории натиҷаҳои илмии ба даст овардашуда ва муайян намудани сифати маҳсулот, баҳисобгирии самаранокии парвариши иқтисодии навъҳои картошка аз рӯйи методикаи Л.В. Попова [2007] ва муайян намудани сатҳи сироятёбии навъҳои картошка аз касалиҳо аз рӯйи методикаи М.В. Бордукова [1967], ба роҳ монда шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:**

-дар ҳама марҳилаҳои иҷрои кори диссертатсионӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, интихоби навъҳои нави картошкаи воридотӣ, ҷамъбасти маводҳои таҷрибаҳои саҳроӣ, коркарди оморӣ, татбиқи натиҷаҳои бадастоварда муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

- муқарраароти асосии назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ бевосита аз тарафи муаллиф пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

- иштироки бевосита дар иҷрои таҷрибаҳои саҳроӣ, озмоишгоҳӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ, муйянкунии аломатҳои биометрӣ, коркарди дисперсионию математикии натиҷаҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ, матни диссертатсия ва автореферати он;

Ҳамаи хулосаҳои дар боло зикршударо ба назар гирифта, диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холовичро ба талаботи “Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ” нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ дониста, ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз санаи 30 -уми майи соли 2024, протоколи №20 сазовор донистани Акрамов Абдуҳалим Холович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ қарор қабул кард.

Дар овоздиҳии пинҳонии Шурои диссертатсионӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№237, аз 27.10.2022) тасдиқ карда шудааст, иборат аз 11 нафар буда, тибқи фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2024 №05/401 аъзоёни Шурои диссертатсионӣ докторони илмҳои кишоварзӣ Бухориев Толибек Аҳмадович ва Саидзода Саидҷамол Тоҷиддин аз ҳайати аъзои Шурои диссертатсионӣ бароварда шудаанд. Дар ҷаласа 7 нафар, аз ҷумла 2 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда иштирок дошта, чунин овоз доданд: **тарафдор 7 нафар**, зид **нест,** бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Хоҷаев Шариф Идиевич

30.05.2024

Имзоҳои Н.М. Асозода ва Ш.И. Хоҷаев -ро
тасдиқ менамоям, нозири калони кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ Пирова Мунавара Икромшоевна